“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент
________________Карамалишоев К.Н.
“ 08 ” ________________2023 с.

# ХУЛОСАИ

**кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04. – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Табарзода Далер Раҳматулло дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Табарзода Далер Раҳматуло соли 2012 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намуда, аз соли 2012 то инҷониб дар мақомоти прокуратура фаъолият дорад.

**Табарзода Далер Раҳматуло** дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 10 октябри соли 2023, №3 аз ҷониби Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Аз рӯйи муҳокимаи рисолаи Табарзода Д.Р. дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои маркази илми ҳуқуқи молиявӣ – **“Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** бахшида шудааст.

Дар шароити рушди маъмурикунонии андоз, назорати андоз як ҷузъи муҳимми ислоҳоти ҳуқуқӣ-иқтисодии мамлакат ба ҳисоб рафта, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии он, дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шудааст. Ин пеш аз ҳама, ба он шарҳ дода мешавад, ки андоз яке аз даромади асосии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, он на танҳо ба ғанӣ гардонидани буҷетҳои дахлдори давлатӣ, балки ба таъмини амнияти умумимиллӣ низ таъсири назаррас мерасонад.

Бояд гуфт, ки солҳои охир дар рафти татбиқи сиёсати ягонаи давлатии молиявӣ - андозӣ вобаста ба танзими ҳуқуқии назорати андоз тағйироти назаррас ба амал омада, ба раванди сафарбар намудани тамоми воситаҳои ташкилию ҳуқуқӣ барои пурра намудани даромади буҷети давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии он диққати махсус дода шудааст. Ба ин масъала аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Маҳз бо дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид, ки ин иқдом ба такмили назорати андоз ва шаклҳои он заминаи воқеӣ гузошт.

Унвонҷӯ иброз медорад, омӯзиш ва таҳлили маҷмуи меъёрҳои Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар амалия ҳангоми татбиқи баъзе меъёрҳои он камбудиҳо дида мешаванд, ки ин ҳолат дар байни шахсони мансабдори мақомоти андоз, андозсупорандагон ва дигар шахсони уҳдадор баҳсҳоро ба вуҷуд меорад. Ба андешаи ӯ назорати андоз ҳамон вақт самаранок эътироф карда мешавад, ки низоми муфассали меъёрҳои қонунгузории соҳаи андоз вуҷуд дошта бошанд. Дар амалия мавҷудияти дақиқ ва пурраи меъёрҳои қонунгузории назорати андоз ба фаҳмиши истифодаи дуруст ва якхелаи онҳо кафолат медиҳад.

Ба андешаи унвонҷӯ то имрӯз дар илми ҳуқуқи андози ватанӣ ва қонунгузории ҷорӣ вобаст ба мафҳумҳои асосӣ, ба монанди «назорати андоз», «шакли назорати андоз», «усулҳои назорати андоз» ва «принсипҳои назорати андоз» таҳқиқотҳои илмӣ ва меъёрҳои зарурӣ вуҷуд надорад. Ин ҳолат дар амалия мушкилот ва ихтилофҳоро ба миён оварда, дар тафсири доктрина ва амалияи татбиқи ҳуқуқии онҳо норавшаниро ба миён меорад. Мавҷуд набудани меъёри муайяни муттаҳидкунандаи категорияҳои асосии назорати андоз боис мегардад, ки омӯзиш ва коркарди онҳо ба роҳ монда шавад.

Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки дар марҳилаи имрӯзаи рушди илми ҳуқуқи андоз масъалаи муайян кардани мафҳуми назорати андоз, тафсири дуруст ва танзими ҳуқуқии шаклу усулҳои он баҳсҳо боқӣ

мемонанд. Аз як тараф ин масъалаи баҳсталаб дар мавҷудияти меъёрҳои гуногуни зудтағйирёбандаи назорати андоз зоҳир гашта, аз тарафи дигар бошад, дар номуайянии мавқеи қонунгузор дар ҳалли онҳо дидан мумкин аст.

Таҳқиқи илмию назариявии масоили танзими ҳуқуқии назорати андоз, принсип ва шаклу усулҳои он, инчунин омӯзиши шакли нави назорати андоз - мониторинг ҳамчун воситаи нави ҳамкории иттилоотии байни мақомоти андоз ва андозсупоранда, ба унвонҷӯ имкон дод, ки хусусиятҳои асосӣ, қобилияти мутобиқ кардан ва такмил додани онҳоро вобаста ба тағйироти вазъияти ҷомеаи кишвар бо назардошти омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ муайян кунад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мавзуи танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳимми илмию амалӣ дошта, аз мубрам будани он дарак медиҳад.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки омӯзиш ва таҳқиқи амиқи масъалаи мавриди назар дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида нашудааст. Новобаста аз он, ки омӯзиши падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқи молиявӣ дар кишвар дар ҳоли рушд қарор дорад, вале саҳми олимони ватаниро дар рушди ҳуқуқи молиявӣ ва падидаҳои алоҳидаи он қайд намудан ба маврид аст. Мувофиқан, таҳқиқи назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ дар асарҳои олимони зерини ватанӣ ба назар мерасанд: А.Д. Ғафурзода, Ҷ.С. Муртазозода, Ҷ.Ю. Рустамзода, Ш.К. Ғаюров, Ш.М. Исмоилов, М.З. Раҳимзода, А.В. Золотухин, Ҷ.К. Бобоев, Д.Ш. Сангинов, Ф.М. Расулов, И.З. Саъдиев, Ф.Р. Абдуллоев ва дигарон. Аммо, маврид ба зикри хос аст, ки новобаста аз он, ки баъзе паҳлуҳои масоили танзими ҳуқуқии назорати андоз дар таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудаанд, вале ба таври васеъ ва бевосита таҳқиқоти ба назорати андоз бахшидашуда то имрӯз вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, рисолаи мазкурро метавон аввалин таҳқиқоти илмии бунёдӣ дар самти танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номид, ки бе шубҳа аз муҳимияти илмию амалӣ доштани он дарак медиҳад.

Унвонҷӯ мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро дар заминаи усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар натиҷа хулоса ва пешниҳодҳои илман асосноки худро манзур намудааст, ки дар рушди илми ҳуқуқи молиявӣ, шакл ва усулҳои баамалбарории назорати андоз, инчунин таҷдиди қонунгузорӣ дар ин самт метавонанд, нақши муҳим дошта бошанд.

Пажӯҳишгар Табарзода Д.Р. дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои мухталифи назорати андозро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, хулосаҳои худро бо далелҳои муътамади илмӣ ва андешаҳои муҳаққиқон асоснок кардааст. Аз ин рӯ, мазмуну муҳтаво ва

хулосаҳои дар рисола пешниҳодгардида метавонанд, дар таҳқиқотҳои илмии соҳаи ҳуқуқи молиявӣ истифода карда шаванд.

Унвонҷӯ барои таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ дар рисола вазифаҳои зеринро гузоштааст:

– муайян намудани мафҳуми назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ ва пешниҳод намудани консепсияи муаллифии он;

– омӯзиш ва таҳлили мафҳуми шакли назорати андоз, усули назорати андоз ва пешниҳоди мафҳуми муаллифии онҳо, ки барои илми ҳуқуқи ватанӣ аҳамияти муҳим назариявию амалӣ дорад;

– кушода додани асосҳои назариявӣ ва муттаҳидсозии ҳуқуқии принсипҳои назорати андоз ва татбиқи онҳо дар амалия;

– муайян намудани назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ ҳамчун шаклҳои назорати андоз ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо;

– омӯзиши ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои назорати андоз ва таснифбандии онҳо;

– таҳлил ва муайян намудани ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз;

– таҳияи тавсияҳои асоснок оид ба такмил додани қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан таклифҳо ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки он аввалин маводи маҷмуавии таҳқиқотии илмӣ вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар таҳқиқот бори аввал ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии назорати андоз дар ҶТ мавриди баррасии ҳаматарафа қарор гирифта, таклифҳои илман асоснок ва аҳамияти муҳимми амалидошта баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории танзимкунандаи назорати андоз пешниҳод карда шудаанд. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳумҳои муаллифии «назорати андоз», «шакли назорати андоз», «усули назорати андоз» ва ғ. таҳия гардидаанд, ки онҳо ба ташаккули илми ҳуқуқи андози ватанӣ нигаронида шуда, аҳамияти муҳим доранд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар рисола зикргардида барои ҳалли мушкилот ва норасоиҳои мавҷуда дар самти танзими ҳуқуқии назорати андоз дар ҶТ равона гардида, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи андоз нигаронида шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки хулосаҳо, таклифҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя тавсияшаванда метавонанд, минбаъд дар таҳия намудани консепсияи рушди илми ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузоранд. Дар рисола мафҳуми назорати андоз, шакл, усул ва принсипҳои муттаҳидсозии он аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд, ки дар маҷмуъ онҳо ба такмили танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Дар баробари ин, нуктаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар (ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ) дар раванди таълим аз фанҳои ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи буҷетӣ, ҳуқуқи бонкӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода карда шаванд. Ба ғайр аз ин, хулоса ва тавсияҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии бадастомада метавонанд, дар таҳия ва такмили минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалия ва таҷрибаи ҳуқуқшиносон ва ба нафароне, ки дар самти мазкур пажуҳиш мебаранд, саҳмгузор бошанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот пурра ба шиносномаи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ-назариявӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асоснокгашта, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии назорати андоз метавонанд, мусоидат намоянд, инчунин бо интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода шудаанд, ҳамзамон бо маърузаҳо дар мизҳои мудаввар ва конференсияҳои сатҳи гуногуни илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешаванд.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ муаллиф 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмӣ дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расонида шудааст.

Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Табарзода, Д.Р. Назорати андоз дар низоми назорати давлатии молиявӣ [Матн] / Д.Р. Табарзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №3 (52). – С. 249-258.

**[2-М]** Табарзода, Д.Р. Доир ба масъалаҳои принсипҳои назорати андоз [Матн] / Д.Р. Табарзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – № 3 (31). – С. 183 -193.

**[3-М]** Табарзода, Д.Р. Доир ба баъзе масъалаҳои шакл ва усулҳои назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Р. Табарзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №4 (51). – С. 249-257.

**[4-М]** Табарзода, Д.Р. Назорати андоз ҳамчун қисми ҷудонашавандаи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Р. Табарзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – № 3 (31). – С. 194 -201.

**[5-М]** Табарзода, Д.Р. Мониторинги андоз ҳамчун шакли нави назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Р. Табарзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2024. – №1 (51). – С. 249-257.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6–М].** Табарзода, Д.Р. Рушди ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Р. Табарзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия. – Душанбе, 2022. – С. 133-146.

**[7–М].** Табарзода, Д.Р. Правовые основы осуществления налогового контроля в Республике Таджикистан [Текст] / Д.Р. Табарзода // «Актуальные вопросы развития государственности и публичного права: материалы IX международной научно-практической конференции (Санкт-Петербург, 29 сент. 2023 г. – С. 20-26.).

**[8–М].** Табарзода, Д.Р. Ҷанбаҳои асосии сиёсати давлатии молиявӣ, андозӣ ва буҷетӣ [Матн] / Д.Р. Табарзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Пешвоёни сиёсӣ ва накши онҳо дар ҳифзи сулҳ: саҳм дар муқовимат ба терроризм ва экстремизм». – Душанбе, 2023. – С. 288-292.

**[9–М].** Табарзода, Д.Р. Хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Р. Табарзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва рӯзи рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия. – Душанбе, 2023. – С. 425-436.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот инчунин дар конференсияҳои зерин дар шакли маъруза пешниҳод карда шудаанд:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия дар

мавзуи «Рушди ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 3 декабри соли 2022);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Пешвоёни сиёсӣ ва нақши онҳо дар ҳифзи сулҳ: саҳм дар муқовимат ба терроризм ва экстремизм» бо маъруза дар мавзуи «Ҷанбаҳои асосии сиёсати давлатии молиявӣ, андозӣ ва буҷетӣ» (ш. Душанбе, 22 сентябри соли 2023);

– Конференсияи IX байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами рушди давлатдорӣ ва ҳуқуқи оммавӣ» бо маъруза дар мавзуи «Правовые основы осуществления налогового контроля в Республике Таджикистан» (Россия, ш. Санкт-Петербург, 29 сентябри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мушкилоти қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир» бо маъруза дар мавзуи «Робитаи қонунгузории замин ва андоз» (ш. Душанбе, 13 октябри соли 2023);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия дар мавзуи «Хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 1-2 декабри соли 2023);

Ҳамин тариқ, диссертатсияи унвонҷӯ Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04. – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва навгониҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи онро дар илм нишон медиҳанд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ мувофиқат мекунад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор кард:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ба талаботи муқаррарнамуда пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ сазовор мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Асос: протоколи ҷаласаи кафедра №4 аз 02 декабри соли 2023.

**Раисикунанда:** мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдиев И.З.

**Котиби ҷаласа:** Нураётова Ш.А.

Имзои Саъдиев И.З. ва Нураётова Ш.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

«08» 12 2023 сол.